**Тақризи роҳбари илмӣ**

**ба диссертатсияи унвонҷӯйи кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Латторова Дилрабо Қаҳоровна дар мавзуи «Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Омӯзиши забон ва услуби ин ё он шоир ё адиб барои шинохти тарзи нигориши вижагиҳои забон дар марҳилаи муайян заминаи илмӣ мегузорад ва ҳамзамон ҳамбастагии услубшиносӣ бо хусусияти забон дар намунаи эҷоди як нависанда нишон дода мешавад. Таҳқиқи забон ва услуби нависандагону шоирон дар солҳои 60-70-уми асри гузашта ба ҳукми анъана даромада буд. Муҳаққиқону донишмандони варзидаи тоҷик бад-ин васила пажуҳишҳои маҷмуӣ ё комплексиро доир ба осори нависандагону шоирон ба анҷом мерасониданд, ки то ин замон дар илми забоншиносӣ бунёдӣ ва заминагузор арзёбӣ мегарданд. Ҳангоми пажуҳиши ин мавзуъ, аз як тараф донишу малакаи эҷодкор дар истифода бурдани ғановати забон муайян ва баҳогузорӣ мегардад, аз тарафи дигар вижагиҳои забон дар як марҳалаи рушд ва инкишоф нишон дода мешавад. Ҳамзамон, ҳам хусусияти фардӣ ва ҳам хусусияти иҷтимоии забон баррасӣ мегардад. Вобаста ба ин, дар пайравӣ ба усули таҳқиқи донишмандони асри гузашта ва омӯзиши ҳикояҳои адибе, ки дар ҳамон давра зиндагӣ ва эҷод намудааст ва асарҳояш таҳқиқи мукаммали забоншиносӣ нашудаанд, бо истифода аз равиши муосири пажуҳиш нишон додани тарзи корбурди воҳидҳои забон дар асарҳои бадеӣ тағйироту пешравиҳоро ҳам дар таҳқиқ ва ҳам дар забон муайян менамояд. Бо усули саромадони илми забоншиносии муосири тоҷик номгузорӣ намудани диссертатсия зинда гардониданӣ анъанаи пажуҳиши вижагиҳои забон дар осори нависандагону шоирон аз ҷониби муҳаққиқону донишмандони тоҷик дар забоншиносӣ маҳсуб меёбад.

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Латторова Дилрабо дар ҳақиқат муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ аҳамиятдор дар услубшиносӣ ва вижагиҳои забон, омӯзиши забони осори адибону шоирон ба шумор меравад. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, бобҳои он дар навбати худ ба зербобу фаслҳо тақсим мешаванд. Дар муқаддима муаллиф муҳиммияти интихоби мавзуъро асоснок карда, дараҷаи омӯзиши таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, навовариҳои кор, асосҳои методологӣ ва ҷанбаҳои назариявию амалии таҳқиқро таҳлил ва баррасӣ кардааст.

Боби якуми диссертатсия, ки «Қабатҳои луғавӣ-маънои вожаҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» номгузорӣ шудааст, дар он вижагиҳои луғавӣ-маъноии вожаҳое, ки дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ истифода шудаанд, нишон дода шудааст. Боби мазкур аз чор зербобу шаш фасл иборат аст ва дар зербоби аввали он хусусияти калимаҳои сермаъно баррасӣ гардидааст. Навгонии таҳлил дар ин зербоб дар он аст, ки диссертант калимаҳои сермаъноеро, ки нисбатан кам таҳқиқ шудаанд, интихоб намуда, бо намунаҳо аз ҳикояҳо нишон додааст. Зербоби дуюм ба баррасии калимаҳои омонимӣ бахшида шуда, ҳамзамон бо тақвияти андешаҳои олимону донишмандон фарқияту умумияти калимаҳои сермаъно ва омонимҳо бо мисолҳо оварда шудааст. Зербоби сеюм «Вижагиҳои муродифот» номгузорӣ шудааст ва аз се фасл иборат аст. Хусусияти муродифоти ҳикояҳо дар се гуруҳ, муродифоти исмӣ, муродифоти сифатӣ ва муродифоти ҷуфтистеъмол нишон дода шудааст. Зербоби чорум «Корбурди мутазод» ном дошта, дар се фасли он баҳс перомуни корбурди мутазодҳои исмӣ, мутазодҳои сифатӣ ва мутазодҳои зарфиву феълӣ дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ сурат мегирад.

Боби дуюми диссертатсия «Мавқеъ ва услуби корбурди вожаҳои аслан тоҷикӣ ва вомвожаҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ»» ном дошта, аз ду зербобу се фасл таркиб ёфтааст. Дар зербоби аввал вижагиҳои калимаҳои аслии тоҷикӣ, мавқеъ, тарзи корбурд ва таносуби онҳо дар ифодаи маънои луғавӣ бо намунаҳои зиёд аз ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ нишон дода шудааст. Зербоби дуюм «Вомвожаҳо» ном дорад ва аз се фасл иборат аст. Дар ин зербоб сараввал хусусияти вомвожаҳо нишон дода шуда, дар фаслҳо бо мисолҳо вомвожаҳои арабӣ, русӣ ва туркӣ-узбекӣ ва вижагиҳо ва тарзи корбурди онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Услуби корбурди унсурҳои забон вобаста ба хусусияти иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» ном дорад ва аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби якум доир ба калимаҳои гуфтугӯйӣ, дар зербоби дуюм услуби корбурди воҳидҳои фразеологӣ ва дар зербоби сеюми боби сеюм оид ба таснифоти зарбулмасалҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ маълумот дода шудааст. Диссертант дар се боби диссертатсия забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотиро, ки ҳанӯз таҳқиқ нашудааст, нишон додааст. Хусусияти дигари ин диссертатсия дар он аст, ки агар мавзуи таҳқиқ маъмулӣ бошад ҳам, забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ, яъне намунаи осори бадеии адиб бори аввал мавриди пажуҳиши маҷмуии луғавӣ-маъноӣ қарор гирифтааст.

Хулоса ва натиҷагириҳои диссертант мушаххассан 12 банд ҷамъбаст шудааст ва мазмуни ягонаи силсилавии корро инъикос

мекунад. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Ҳамин тариқ, диссертант кӯшидааст он мақсад ва вазифаҳое, ки дар пажуҳиши мавзуи мавриди назар гузоштааст, иҷро намояд ва муваффақ ҳам шудааст. Муаллиф дар равиши таҳқиқ бо тақвият аз назарияҳои илмӣ вобаста ба калимаҳои сермаъно, омонимҳо, муродифот ва хелҳои он, мутазод ва хелҳои он, калимаҳои аслан тоҷикӣ, вомвожаҳои арабӣ, русӣ ва туркӣ-муғулӣ, вожаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ, услуби корбурди воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳо, радабандии мавзуӣ, баррасии намунаҳо аз ҳикояҳо, ҷамъоварии теъдоди зиёди мавод барои намуна, навиштани мақола малакаву дониши хешро сарф намудааст.

Бинобар ин, диссертатсияи Сатторова Дилрабо Қаҳоровна дар мавзуи «Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ» анҷомёфта буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ арзанда аст ва барои ҳимоя пешниҳод мегардад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
ректори Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба
номи Сотим Улуғзода Гулназарзода Ж.Б.
05. 01. 2024

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Ҳусейнзода 19, хонаи 10
Тел.: [+992] 918-68-19-70
E-mail: ghlo2018@mail.ru

Имзои Ж.Б.Гулназарзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ-и
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, к. Муҳаммадиев 17/6,
Тел.: +992 37 2325000; Факс: +992 37 2325003;
Сомона: www.ddzt.tj
06.01.2024